# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 13 январи соли 2024** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Шарипов Самандар Самариддиновичро дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Роҳбари илмӣ: **Сафарзода Анвар Ислом** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон; **Сафарзода Ҳаёт Сайдамир** – н.и.ҳ., дотсент, профессори кафедраи пешгирии терроризм ва таъмини бехатарии ҷамъиятии факултети №6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Азиззода У.А., Назаров А.Қ., Шарипов Т.Ш. ва муқарризони ғайрирасмӣ Ализода З., Мирзамонзода Х.М., Муҳаммадиев И.С.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвончӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Шарипов Самандар Самариддинович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Шарипов Самандар Самариддиновичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Шарипов Т.Ш.

И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Назаров А.Қ.